# МУАММО ВА РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ МАЛАКАИ ХОНИШИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

***Юсуфҷонова Дилбар Холиқҷоновна,***
***номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти*** *факултети таҳсилоти ибтидоӣ*
*ва педагогикаи махсус, МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров (Тоҷикистон)*

***Қаюмова Оминахон Эргашевна,***
*муаллими калони факултети таҳсилоти ибтидоӣ*
*ва педагогикаи махсус, МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров (Тоҷикистон)*

**Аннотатсия:** *дар мақола роҳҳои омӯзиши хониши бошууронаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ, дарку фаҳмиши мантҳои хондашуда, инкишофи нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ баррасӣ гардидааст.*

**Каливожаҳо:** *хониши бошуурона, қобилият, малака, дониш, таҷриба, салоҳият, стратегияи хониш.*

Сухан қувваи бузург дорад, бахусус, агар он таъсирбахш бошад. Тавассути таъсири он инсон шоду масрур ва ё ғамгин мегардад. Сухан метавонад, дили касро саршори муҳаббат ва ё ғарқи нафрат кунад, маҳкуми шиканҷаи рӯҳӣ созад ва ё ба орзу болу пар бахшида, касро сӯи қуллаҳои мурод парвоз кунонад, ба қалби инсон роҳ ёфта, ба торҳои нозуки он даст занад.

Ҳар қадар нозукиҳои забон, ҳусну таровати суханро шогирдони мо тезтар дарк намудаву аз бар намоянд, ҳамон қадар донишомӯзии онҳо осон мешавад. Барномаи таълимии синфҳои ибтидоӣ ба инкишофи нутқ, ифоданокии нақлу хониши бошууронаи хонандагон эътибори ҷиддӣ медиҳад ва дар ҷараёни таълим дар madди назар доштани онро махсус таъкид менамояд.

Дарки маъно қобилияти ҳосил намудани маъноро аз маълумоти шунидашуда ё матни хондашуда ифода мекунад.

Малакаҳои дарки маъно бо истифода аз усулҳои гуногуни таълимӣ, ки метавонанд дар раванди ҳамаи машғулиятҳои таълимӣ мувофиқи мақсад бошанд, тақвият дода мешаванд. Хониши бошуурона мақсади асосии хондан мебошад. Дар аксари сарчашмаҳои таълимию методӣ хониши бошуурона чунин таъриф мешавад: “Хониши бошуурона ҷараёни гирифтан ва сохтани маънӣ тавассути хондани нутқи хаттӣ, рамзкушоӣ мебошад”. Гирифтани маънӣ дарк кардани ақидаи муаллифи матн мебошад. Сохтани

маънӣ, таҳлили ақидаи муаллиф тавассути ба ҳам овардани “қобилият, малака, дониш ва таҷриба”- и шахс ва он матнест, ки мехонад. Малакаи хониши бошуурона ин унсурҳо ё зермалакаҳои хондан ба мақсади дарки маъно мебошад.

Ташаккули малакаи хониши бошууронаи хонандагон яке аз вазифаҳои асосӣ ва муҳимми таълими фанни забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ мебошад. Аз ин рӯ, стандартҳои фанни мазкур салоҳиятҳои гуногуни хониши бошууронаро муайян кардааст. Низомҳои маорифи аксар мамолики дунё ба ташаккули малакаҳои хониши бошуурона диққати махсус медиҳанд. Инчунин, арзёбиҳои стандартии байналхалқии гуногуни малакаи хониши бошуурона мавриди истифода қарор ёфта, сатҳи саводнокии хонандагон санҷида, дар сатҳи ҷаҳонӣ раддабандӣ шудаанд.

Ҳангоми интихоби усул ва фаъолиятҳо мувофиқи сатҳи рушди хонандагон омӯзгорон бояд бодиққат фикр карда, қарор диҳанд. Омӯзгорон малакаҳои дарки маънои хонандагонро тавассути:

-хониши намунавӣ бо овози баланд ва намоиши истифодаи стратегияҳои хониш ва фикррронӣ;

-додани имконият ба хонандагон барои сайқал додани малакаҳои дарки  маъно тавассути машқҳои хониши дунафарӣ ё мустақилона ва ҷавоб додан ба саволҳо оид ба матни хондашуда тақвият медиҳанд.

-хонандае, ки малакаи хуби хониши бошуурона дорад:

-матнҳоро мустақилона бо истифодаи стратегияҳои гуногун хонда, маънии онҳоро дарк мекунад;

-ба хондан шавқ дорад ва ба таври ихтиёрӣ китоб, рӯзнома ва дигар воситаҳои хаттиро мехонад;

-аз фанҳои гуногун ба натиҷаҳои хуби таълимӣ ноил мегардад;

-малакаи хуби нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дорад;

-матнро аз рӯйи сохтор фарқ карда метавонад;

-ба матн савол мегузорад ва ба саволҳои матн ҷавоб мегардонад.

Дар тавсияе, ки дар асоси таҳқиқоти фаннӣ таҳия шудааст, пешниҳод мегардад,ки омӯзгорон ҳангоми банақшагирӣ, таълим ва арзёбии малакаи хониши бошуурона аз тавсияҳои зерин истифода баранд:

-Тарзи истифодаи стратегияҳо (усулҳо)-и хониши бошууронаро ба хонандагон омӯзанд;

-Тарзи муайян кардан ва истифодаи сохтори матнро ба мақсади дарк, омӯхтан ва дар хотир нигоҳ доштани муҳтавои матн омӯзанд;

-Ба муҳокимаи мушаххас ва босифати маънои матн роҳнамоӣ кунанд;

-Матнро мақсаднок интихоб намоянд, то ки хониши бошууронаро тақвият диҳад;

-Матнҳоеро бояд интихоб намуд, ки жанрҳои гуногун, сифати баланд, ақида ва ахбори бою рангин доранд;

-Матнҳоеро бояд интихоб кунанд, ки ба синну сол, қобилият, мақсади таълим, дараҷаи дарки маънии калимаҳои мураккаб мувофиқ бошад;

-Ташкили фазои водоркунанда ва ҳавасмандкунандаи таълим.

Хонандагон бо истифода аз маълумот ва донише, ки ба даст овардаанд, аз рӯйи нишондиҳандаҳо маънои чизи хондаашонро дарк мекунанд ё оид ба идомаи ҳодисаҳои матн фарзия месозанд. Ин маънои онро дорад, ки хонандагон хондани матнро идома медиҳанд ва дурустии пешгӯйии худро аниқ месозанд. Оид ба ақидаҳои асосии матн ҳангоми хондан савол гузошта, кӯшиш мекунанд, ки ба онҳо ҷавоб гардонанд. Ҳангоми таҳияи саволҳо аз ифодаҳои саволи дар куҷо ва барои чӣ? истифода мебаранд. Онҳо чизи дар матн тасвиршударо хаёлан тасаввур мекунанд. Хонандагон диққат медиҳанд, ки оё матни хондаашонро мефаҳманд ё не, онҳо матнро бори дигар мехонанд ё стратегияҳоеро истифода мебаранд, ки ба онҳо барои дарки матн ёрӣ мерасонанд.

Бачагон ахбореро, ки барои дарки маънии матн ошкоро наомадааст, муайян карда, ба таври кӯтоҳ нуктаҳои асосии матни хондаашонро шифоҳӣ ё хаттӣ баён мекунанд. Омӯзгорон бояд ба хонандагон тарзи истифодаи стратегияҳои хониши бошууронаро таълим диҳанд, сохтори матнро ба онҳо ба мақсади ташкил намудани фикррронӣ ҳангоми хондан омӯзонанд. Инчунин, ҳангоми иҷрои фаъолиятҳои мазкур хонандагон бояд бо матнҳои босифат, ки аз лиҳози муҳтаво ва сифат барои фикррронии амиқ мусоидат менамоянд, кор кунанд. Бояд қайд кард, ки хонандагон натанҳо стратегияҳои хонишро бояд дуруст истифода баранд, балки аз матни хондаашон дониши нав гиранд. Аз ин рӯ, истифодаи стратегияҳои хониши бошуурона бо муҳокимаронии фаъол оид ба муҳтавои матн бояд тақвият дода шавад ва хонандагон барои таҳқиқи матн ҳавасманд гардонида шаванд.

Стратегияҳои хониш ва фикрронӣ ҷараёни фикрӣ буда, барои мустақилона хондан ва дарк кардани мазмуни матн ёрӣ мерасонанд. Ҷараёни мазкур фаъолияти мақсадноки пешакӣ банақшагирифта аст, ки барои хубтар фаҳмидан ё дар хотир нигоҳ

доштани ахбори матн ёрӣ мерасонад. Стратегияҳо истифодаи мунтазами ҷараёни фаъолиятҳои маърифатӣ (фикрронӣ)-ро пеш аз хондан, ҳангоми хондан ва баъд аз хондани матн дар назар доранд. Ин стратегияҳо имконият медиҳанд, ки хонандагон сатҳи фаҳмишашонро баланд бардошта, мушкилоти дарки маънии матнро паси сар намуда, дониши суст ва номукаммали худро оид ба матн ҷуброн кунанд. Хониши бошуурона тавассути стратегияҳои зерин омӯзонда мешавад:

-Стратегияи аниқ сохтан. Хонандагон ҷойҳои нофаҳмои матнро бо диққати бештар бори дигар хонда, дарк мекунанд. Ба маводи ёрирасон ба монанди расм нигоҳ карда, мазмуни матнро беҳтар мефаҳманд.

-Стратегияи санҷидани фаҳмиш. Хонандагон ба худ саволи “Оё ҳикояи хондаамро фаҳмидам?”-ро медиҳанд ва барои пурра фаҳмидани матн дубора фикр карда, кӯшиш мекунанд. Барои ёрӣ ба андешаи дигарон муроҷиат мекунанд.

-Стратегияи ҷамъбаст кардан. Хонандагон ба таври мухтасар нуктаҳои асосии матни хондаашонро шифоҳӣ ё хаттӣ баён мекунанд

Хулоса, таълими нақл ва хониш кори дурударози пешакӣ ба нақшагирифтаи муаллиму шогирдон буда, пойдевори он дар синфҳои ибтидоӣ гузошта мешавад ва таълими он дар синфҳои минбаъда давом меёбад. Ин пойдевор ҳар қадар устувору мустаҳкам гузошта шавад, хонанда бойигарӣ ва ҳусну зебоии забонро тезтар дарк намуда, ба омӯзиши он шавқ пайдо мекунанд ва дар натиҷа муаллимони синфҳои ибтидоӣ метавонанд вазифаи дар пеш гузоштаи халқу ҷамъиятро бо муваффақият ба иҷро расонанд.

**ПАЙНАВИШТ:**


1. Банақшагирии дарс дар асоси стандартҳо, китоби дарсӣ ва замимаҳо. Модули 2. (Мураттибон: Ниёзов Ф.. Алиев А. ва дигарон). — Душанбе, 2016.
2. Барнома аз фанни забони модарӣ барои синфҳои 1–4. — Душанбе, 2016.
3. Барномаи таълими босуръат. Роҳнамои омӯзгор, ЮНИСЕФ, Душанбе, 2014.
4. Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. — Душанбе: Собириён, 2007. — 463 с.
5. Лутфуллозода. М., Абдуллозода И., Ҷалилова М. Методикаи таълими ибтидоии забони модарӣ. Душанбе, 2016. — 216 с.

6. Маҷмӯи модулҳои таълимӣ оид ба арзёбии ташаккулдиҳанда ва арзёбии омӯзиш. Лоиҳаи READ 2, Душанбе, 2019.
7. Методика дар низоми таълими салоҳиятнокӣ. (Дастур барои омӯзгор). Мураттибон: Ниёзов Ф. ва дигарон). — Душанбе, 2016.